**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.05.2025, № 94

Барои сазовор донистани Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Америко ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 27-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 89 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна 2-юми феврали соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2005 Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳозира Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик ва соли 2018 зинаи магистратураи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси шарқшиносӣ, забони форсӣ хатм кардааст.

Аз 6-уми октябри соли 2023 то ҳол ба ҳайси лаборанти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Солҳои 2020-2023 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кори таҳқиқӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Сафаров Умархоҷа Раҳимович**.

**Муқарризони расмӣ: Охониёзов Варқа Дустович,** доктори илмҳои филологӣ, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони

Институти илмҳои гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои ва **Амирқулов Нуриддин Амирқулович**, номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи филологияи Шарқи Наздики факултети тарҷумонии забонҳои Шарқи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Солиҳов Наҷмиддин Ҳамдамович, эксперт – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи мазкур Турсунов Ғолиб Абдусобирович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи номбурда Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқарраароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ, махсусан, адабиёти кишварҳои хориҷӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт монографияву мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур алоқаи зич дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Шодиева, Ф.Т. Шомлу – асосгузори шеъри сафед / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – № 1. – С. 166-172.

[2-М]. Шодиева, Ф.Т. Нигоҳе ба гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – № 6-1 (101). – С. 251-257.

[3-М]. Шодиева, Ф.Т. Шеър аз нигоҳи Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – № 8. – С. 234-239.

**II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Шодиева, Ф.Т. Гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу / Ф.Т. Шодиева // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Австрия, инчунин 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Х.Г. – Душанбе, 2023. – С. 229-232.

[5-М]. Шодиева, Ф.Т. Нақши нашрияҳои адабӣ дар инкишофи «Шеъри нав»-и Эрон дар даҳаи 40-50-уми асри XX / Ф.Т. Шодиева // Масоили мубрами арабшиносӣ (маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию-назариявӣ дар мавзуи «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол»). – Душанбе, 2024. – С. 331-335.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** мусбат буда, муқарриз зимни таъкид ба арзишу аҳаммияти кори диссертант ба вуҷуди баъзе камбуду норасоиҳо ишора намудааст:

1. Иқтибосоварӣ дар автореферати диссертатсия ба ду гуна аст: яке бо овардани адабиёт ва саҳифа ва дигар танҳо адабиёт ва бидуни нишон додани саҳифа;
2. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, аз ҷумла дар саҳифаҳои 3, 5, 6, 9, 13, 17, 22.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Қосимзода Солеҳ Салим** низ мусбат буда, мавсуф дар радифи зикри мубрамияту тозагии мавзуи таҳқиқ ба рафъи баъзе аз костагиҳои шеваи тадвину баёни матолиби илмӣ таъкид кардааст:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба назар мерасанд ва хуб мешуд, бо як ишора иктифо кард.

2. Дар зикри номи шоир гуногуннависӣ ба назар мерасад, яъне дар бештари ҳолат А. Шомлу, дар бархе ҳолат Аҳмади Шомлу ва дар камтар маворид Аҳмад Шомлу омадааст. Хубтар мебуд, ки яксон оварда мешуд.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич**, дар маҷмуъ, мусбат буда, ҳамзамон, муаллиф ба ҷой доштани бархе аз норасоиву камбудиҳо ишорат кардааст:

1. Диссертант дар рисола дар ҳар ҷо, ки дар бораи солҳои чилуму панҷоҳум ва ба ҳамин тартиб даҳсолаҳо сухан меронад, саҳван «даҳаи чилум» (саҳ. 9, 11) ва «даҳаи панҷоҳум» (саҳ. 10) овардааст. Беҳтар аст, калимаи «даҳаи» ба «солҳои» ё «чилум»-у «панҷоҳум» ба «чорум»-у «панҷум» иваз карда шавад, зеро як даҳа фарогири даҳ сол аст.

2. Умуман, дар чанд маврид иштибоҳоти техникӣ ва имлоию китобатӣ ба чашм мерасанд, чунончи дар саҳ. 10 (хуссусият – хусуссият).

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Шодиева Фархунда бо баҳрагирӣ аз назарияҳо ва методҳои илмӣ-таҳқиқии риштаи адабиётшиносӣ ба омӯзишу арзёбии гузингӯяҳо ва андешаҳои назарии Аҳмади Шомлу пардохта, пажӯҳиши муҳаққиқонаву пураҳамиятеро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси маҷмуаҳои ашъори Аҳмади Шомлу, китоби «Лолоӣ бо шайпур»-и Иллиё Диёнуш, маҷаллаҳои адабии замон, аз қабили «Кайҳон», «Замона», «Ояндагон», «Теҳрони мусаввар», «Одина», «Паёми нав» сурат гирифтааст. Нашрҳои мазкур бар мабнои назария ва методҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**
- шеъри Аҳмади Шомлу ба гунаҳои шеърӣ, ашъори суннатӣ, нимасуннатӣ, нимоӣ ва шеъри сапед тасниф гардида, заминаҳои пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули шеъри сапеди шоир **таъин ва мушаххас гардидаанд;**
- масоили марбут ба таҳқиқи вижагиҳои назарӣ ва арзиши гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти онҳо дар шинохти

ҷаҳони андеша ва ҷойгоҳи шоир дар адабиёти муосири Эрон **муайян карда шудаанд;**

– гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу аз лиҳози мавзуӣ **таҳқиқу баррасӣ гардида,** аҳаммияту арзиши вуҷуди онҳо дар адабиётшиносии муосир **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** маводи он дар рушду камоли пажӯҳишҳои илмӣ дар иртибот бо шеъру адабиёти муосири Эрон, шинохти ҷараёнҳои тозаи шеър ва омӯзишу маърифати роҳи эҷодии шоири муосири Эрон – Аҳмади Шомлу, саҳми мавсуф дар эҷоду камоли шеъри сафед ё мансури Эрон, таълифу такмили гузингӯяҳои адабӣ пураҳаммият хоҳад буд. Матолиби мавҷуд ва хулосаҳои кор ҷанбаҳои назарии масоили алоқаманд бо шеъри навро мукаммал месозад.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқ заминаҳои амалии адабиётшиносии тоҷикро дар пайванд бо омӯзишу таҳлили масоили умумии адабиёти тоҷику Эрон, шеъри наву сапеди Эрону Тоҷикистон, гузингӯяҳои адабиро неруманд сохта, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва зебошинохтии гузингӯяҳои Аҳмади Шомлуро баён месозанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки мабоҳиси мавҷуд дар диссертатсия, методҳои истифодашуда, баррасии гузингӯяҳо ва афкори назарии Аҳмади Шомлуро метавон дар бахшҳои гуногуни адабиётшиносӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро ҳангоми таълифи мақолаҳо ва таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, ҳангоми омӯзишу арзёбии масоили марбут ба адабиёти муосири Эрон, шеъри нав дар адабиёти Тоҷикистону Эрон ва махсусан, корномаи Аҳмади Шомлу мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ ба андозаи кофӣ истифода шудааст. Ба таври умум, сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ натиҷаи пажӯҳишу ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии бисёрсолаи диссертант буда, саҳми шахсии ӯ дар фароҳамсозӣ ва таҳқиқи манобеи илмӣ перомуни гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу, назарияҳои завқии ӯ атрофи масоили гуногуни фарҳангу адаб мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо баҳрагирӣ аз методҳои илмӣ дар арзёбии масъалаҳо, пешниҳоди шеваву усулҳо, таҳқиқи масоили адабиётшиносии марбут ба нигоштаҳои Аҳмади Шомлу, таъйини арзиши илмии онҳо, танзиму ҷамъбандии натоиҷи бадастомада, фароҳамсозии замина барои таҳқиқоти баъдӣ, гузиниши мавод ва нашри натиҷаҳои таҳқиқ саҳми чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025 дар бораи сазовор донистани Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия иштирок доштанд. 1 нафар

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳии пинҳонӣ 14 нафар иштирок намуданд. 1 нафар аъзои шуро, ки дар ҷаласа 30 дақиқа ҳузур надошт, дар овоздиҳии пинҳонӣ иштирок накард. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

30.05.2025.